# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 038 оид ба диссертатсияи Содиқзода Моҳинав Саидҳомид дар мавзӯи «Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои гандум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо.**

Комиссияи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раис доктори илмҳои биологӣ, профессор Алиев Қ.А. ва аъзоёни комиссия доктори илмҳои биологӣ, профессор Юлдошев Ҳ.Ю. ва номзади илмҳои биология., Қобилов Ю Т. дар асоси қарори Шурои диссертатсиони 6D.КОА–038, дар асоси низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуро оиди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Содиқзода Моҳинав Саидҳомид дар мавзӯи **«Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои гандум»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо ба чунин хулоса омад.

Мавзӯи диссертатсияи Содиқзода М.С. хеле муҳим буда барои муайян намудани таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологиву биохимиявӣ мубодилаи об, миқдори пигментҳои фотосинтетикӣ, таркиби биохимиявии донаҳо, морфометрӣ, маҳсулнокии фотосинтетикӣ дар шароити стрессӣ равона карда шудааст.

**Ҳадафи таҳқиқот**: Омӯзиши қобилияти мутобиқшавии 4 навъи гандуми мулоимдонаи Triticum aestivum L. Ориён, Старшина, Алмалӣ, Сомонӣ ва 2 навъи гандуми сахтдонаи Triticum durum Desf. Лалмикор-2 ва Ватан дар зери таъсири омилҳои стрессӣ ҳангоми пеш аз кишт коркард

намудани тухмӣ бо пайвастагиҳои координатсионии оҳан ва руҳ нигаронида шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Якумин маротиба таъсири коркарди тухмӣ бо пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии растаниҳо дар шароити лабораторӣ ва саҳроӣ зери таъсири стресси хушкӣ таҳқиқ шуд. Пайвастагиҳои комплексӣ ҳамчун танзимкунандаи рӯшду инкишофи растаниҳо ба шумор рафта, растаниро аз стресси хушкӣ эмин нигоҳ медоранд.

Дар шароити хушкии хок коркард намудани донаҳо пеш аз кишт бо пайвастагиҳои комплексӣ барои сифатан хуб шудани таркиби биохимиявии донаҳо мусоидат намуд.

Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ муайян намуд, ки дар шароити стрессии хушкӣ гандуми навъи ватании Ориён нисбат ба навъҳои Старшина ва Алмалӣ бартарӣ дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола:** Аҳамияти назариявии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки натичахои омузиши усули самараноки коркарди тухмии гандум пеш аз кишт бо пайвастагихои комплексиро ҳангоми парвариши растанихои кишоварзӣ дар шароити стрессӣ истифода бурдан мумкин аст.

Маълумотҳои ба даст овардашуда барои омода намудани тавсияҳои амалӣ оид ба парвариши растанихо дар шароити хушкии хок бо назардошти усули коркардшудаи истифодаи пайвастагиҳои комплексиро дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад.

**Эҳтимолияти натиҷаҳои** бадастомада ва хулосаҳо имконияти ба таври дуруст баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявии зардоби хунро бо назардошти аломатҳои селексионии чорворо нишон медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** Муаллиф бевосита дар ҷамъоварӣ ва ҷустуҷӯи таҳлили адабиёти соҳа, омӯзиши объектҳои таҳқиқоти тибқи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, коркарди оморӣ, таҳлил намудани мавод ва чопи мақолаҳо саҳм дорад.

**Арзиши кори илмии унвонҷӯ:** Иштирок дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои дараҷаҳои гуногунро тасдиқ мекунанд.

**Пурагардонии маводҳои** диссертатсия дар 3 - мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ва 14 - фишурдаи гузоришҳо дар маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ чоп карда шудаанд.

Диссертатсия ба таври васеъ тасдиқи худро дар семинарҳои илмии донишгоҳи, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, берун аз ҷумҳурӣ ва дар ҷаласаи васеъи семинари илмии факултети биология муҳокима карда шудааст. Аслӣ будани маводҳои диссертатсия 94,43% - ро ташкил намуда, мазмуни онро пурра дарбар мегирад.

Ҳамин тавр комиссия чунин меҳисобад, ки дисертатсияи Содиқзода Моҳинав Саидҳомид кори мустақилонаи амалиявӣ ба ҳисоб рафта барои рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар замони ҳозира аз рӯи нишондиҳандаҳои биохимиявию физиологӣ муайянкунии энергияи сабзиш, афзоиш, рушд ва маҳсулнокӣ, экстраксия, спектрофотометрия, pH-метрия ва ғайраҳо истифода шудаанд, ки ин гуфтаҳо аз мутахассиси соҳаи худ гардидани диссертант гувоҳӣ медиҳанд.

Маводҳои диссертатсия ба талаботи КОА и дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, барои ҳимояи кушод оиди ихтисоси **6D060718 – физиология ва биохимияи растаниҳо** пешниҳод карда мешавад.

**Тавсияи комиссия:**

Диссертатсияи Содиқзода Моҳинав Саидҳомид дар мавзӯи **«Таъсири пайвастагиҳои комплексӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявии навъҳои гандум»** барои ҳимоя ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА–038 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Физиология ва биохимияи растаниҳо қабул карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ:

1. **Ҷумаев Бахшуло Боқиевич** – доктори илмҳои биологӣ, профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи биохимия ИБФГР АМИТ

2. **Раҳимов Маҳмаднаврӯз Муродович**- номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири кафедраи геоэкологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур пешниҳод карда шавад.

**Раиси комиссия:**

д.и.б., профессор узви Шуро Алиев Қ.А.

**Аъзоёни комиссия:**

д.и.б., профессор узви Шуро Юлдошев Ҳ.Ю.

номзади илмҳои биология Қобилов Ю.Т.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

04.01.2023